*Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим*

Канслер, Волоҳазрат Оғохон
Ҳомиёни Донишгоҳ, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,
Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон, муҳтарам Жапаров
Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, мӯҳтарам Тоқаев.
Муҳтарам Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон Догдуркул Кендирбоева
Муҳтарам Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро
Мӯҳтарам раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Алишер Мирзонаботов
Мухтарам губернатори вилояти Нарин Олтинбек Эргешов
Аъзои Шурои Парасторони донишгоҳ
Иҷрокунандаи вазифаи ректор, Кристофер Герри
Декан Максим Хомяков
Устодони мактаби илмҳои табиӣ, гуманитарӣ ва дақиқ
Волидайн, аъзои оила, меҳмонони гиромӣ,
Ва ситораҳои ҷашни имрӯз, Хатмкунандагони Соли 2024

*Ассалому алайкум*

Хатмкунандагони арҷманд боиси ифтихор ва хушнудист ки дар наздатон истода, ин марҳалаи муҳими ҳаёти шуморо ҷашн мегирем. Имрӯз мо заҳмат фидокорӣ ва суботкории шуморо ҷашн мегирем.

Аз номи Шӯрои Парасторони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳар яки шуморо аз самими қалб табрик менамоям. Ман инчунин миннатдории самимии худро ба ректор ва ба ҳомиёни донишгоҳ, ба президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барои дастгирии ҳамаҷонибаашон иброз медорам. Миннатдории худро инчунин ба вазирони маориф ва илми се давлати муассис, ҳокимону раисони вилоят ва раисони шаҳрҳои Нарин, Хоруғ ва Текелӣ барои пазируфтани Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ҷомеаашон изҳор медорам.

Имрӯз мо талошҳои пайвастаи иҷрокунандаи вазифаи ректор, ҳайати омӯзгорон, роҳбарият, ва кормандону ризокорони донишгоҳро дар тарбияи ин ҷавондухтарон ва ҷавонписарони хоса эътироф мекунем. Ин як лаҳзаи муҳимест барои изҳори миннатдории самимии мо ба оилаҳои хатмкунандагон. Ӯҳдадориҳои зиёди шумо ҳам ба таҳсилоти фарзандонатон ва ҳам дидгоҳ ва расолати ин Донишгоҳ дар ин сафар хеле муҳим буд. Ташаккур ба шумо барои дастгирии беандозаатон.
Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо ҳадафи ҷорӣ намудани таҳсилоти сатҳи ҷаҳонӣ, ташаккули тафаккури интиқодӣ ва тарбияи насли нави роҳбароне таъсис дода шудааст, ки дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа саҳм мегузоранд. Аз лаҳзае, ки шумо ба ин муассиса қабул шудед, ҳадафи мо ин буд, ки малакаҳои зеҳнӣ, роҳбарӣ ва шахсияти шуморо ташакул диҳем.

Ва чун чеҳраҳои кушодаи шуморо мебинам, эътимодам меафзояд. Дар чашмони шумо дурахши шавқу ҳавасро мебинам. Шарораи умеду ормон ва шодии бепоёнро мебинам.

Ман эҳсос мекунам, ки шумо алакай қобилияти устуворӣ ва мутобиқшавии худро нишон додед, аммо ин сифатҳое ҳастанд, ки ҷаҳон ба онҳо сахт ниёз дорад.

Ман медонам, ки шумо ба нерӯи гуногунандешӣ ва фаҳмише ки дидгоҳои мухталифро ҳамчун манбаи нерӯ ташвиқ мекунад, эҳтиром ва эътиқод доред. Тавассути чунин афкору андеша мо нафарони беҳтаринро дар ҷомеъа пайдо менамоем.

Умедворам, ки вақти шумо дар донишгоҳ фурсати муносибро барои шинос шудан бо соҳаи интихобкардаатон фароҳам овард. Тавассути барномаи таълимии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ шумо ба адабиёт, фарҳанг, фалсафа ва омӯзиши дониш ва ифодаҳои гуногуни ахлоқии он шинос шудед. Тавассути барномаи ҳамкории донишгоҳ шумо малакаҳои махсуси касбҳои интихобкардаатонро инкишоф додед. Ва ман умедворам, ки шумо заминаҳои дӯстииояндаро фароҳам овардед.

Ҳамаи ин расолати Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар тарбияи роҳбарони илҳомбахш ва ахлоқӣ барои пешрафту тағйироти мусбат дар ҷомеа мебошад.

Роҳбарӣ як мавзӯъест, ки махсусан ба дили ман наздик аст ва ман ба шумо се мушоҳидаро аз таҷрибаи худам қисса мекунам.
Якум ин аст, ки роҳбарӣ чаҳорчӯбаи ахлоқӣ ё ҳамоҳангиро бо як низоми арзишманди қавӣ тақозо мекунад. Роҳбарии ҳақиқӣ на аз рӯи унвонҳо, мақом ё муваффақияти молиявӣ, балки бо қобилияти рӯҳбаланд намудан, расондани таъсири мусбат ва ҷорӣ намудани тағйирот муайян карда мешавад. Шумо дар ҳаётатон бо ҳолатҳое дучор мешавед, ки амалҳои душвор ва номуайянро аз шумо талаб мекунанд. Аммо шумо бояд дар ҷустуҷӯи хастанопазири худ дар чаҳорчубаҳои ахлоқие, ки дар ин ҷо омӯхтед, аз арзишҳои ҳамдардӣ, эҳтиром ва ягонагӣ даст накашед. Ин арзишҳо дар ҷаҳони ба ҳам алоқаманд, вале зуд тағйирёбандаи мо лангари субот хоҳанд буд.

Дуюм ин аст, ки роҳбарӣ намудан як амали танҳо нест. Он тавонмандсозии дигарон, таҳкими ҳамкорӣ ва фароҳам овардани муҳит барои мувафақият ва ба итмом расондани кор мебошад. Волоҳазрат Оғохон аҳамияти роҳбарии ахлоқиро таъкид намуда, изҳор дошт, ки «Ҷомеаи амни плюралистӣ аз ҷамоатҳо талаб менамояд, ки ҳам аз ҳувият ва решаҳои сунатии худ ва ҳам аз анъанаҳои ҳамсоягонашон огоҳии хуб ва ба онҳо эътимод дошта бошанд». Шумо ҳамчун хатмкунандагони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ангезандаи тағйирот хоҳед буд.

Сеюм ин аст, ки маънои роҳбарӣ сафарест ва на расидан ба мақсаду макони ниҳоӣ. Он омӯзиши пайваста, хударндешӣ ва мутобиқшавиро талаб мекунад. Ғояҳои навро қабул намоед, дар пайи дидгоҳҳои гуногун бошед ва ҳеҷ гоҳ омӯзишро қатъ накунед. Ҷаҳон ба роҳбарону роҳнамоёни дилсӯз ниёз дорад, ки бахриояндаи беҳтар барои ҳамагон ӯҳдадоранд. Сарфи назар шумо дар ҷои коратон, дар ҷомеаи худ, дар Осиёи Марказӣ ё дар сатҳи байналмилалӣ роҳбар интихоб мешавед, амалҳо ва суханони шумо бояд қудрати илҳом бахшидан ва рӯҳбаланд кардани дигаронро дошта бошанд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ барои шумо замина фароҳам овардааст ва шумо дар ин ҷода гом ниҳед.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар соли оянда ҷашни нуқрагини худро яъне 25-солагии таъсисёбии хешро таҷлил мекунад. Вақте, ки мо дар бораи сафари худ мулоҳиза мекунем, моояндаи неки рушди давомдорро интизорем. Ва ҳангоме ки мо ба пеш менигарем, ман мехоҳам ба қафо нигариста хулоса кунам. Танҳо бо таҳқиқ кардани он, ки аз куҷо омадаем, мо мефаҳмем, ки ба куҷо равонем.

Дар маросими ифтитоҳи кампуси ин донишгоҳ дар шаҳри Нарин дар соли 2016 канслери он Волоҳазрат Оғохон иброз доштанд, ки «донишомӯзони таърихи ҷаҳонӣ ба мо хотиррасон мекунанд, ки чӣ гуна Осиёи Марказӣ ҳазор сол пеш дар тиҷорат ва сармоягузорӣ ва ободии шаҳрҳо дар комёбиҳои фарҳангӣ ва ақлони дар ҷаҳон пешрафта буд. Ин маконест, ки мутафаккирони пешқадам аз саросари ҷаҳон ба он ҷо барои ҷустуҷӯи роҳнамои ва ҳидоят меомаданд. Пешрафтҳои охирин дар нуҷум ё риёзӣ, дар кимиё ё тиб, фалсафа ё мусиқӣ кадомҳо буданд? Ин макони фаҳмидани он пешрафтҳо буд. Маҳз дар ҳамин минтақа буд ки фанни алгебра номи худро гирифтааст, дар ин ҷо қутри замин дақиқ ҳисоб карда шудааст ва дар ин ҷо чанде аз бузургтарин ашъори адабиёти ҷаҳонӣ эҷод шудааст. Пас чаро чунин пешрафт дар ин ҷо рӯй дод? Ба фикри ман сабаби ин пеш аз ҳама ҳолати «боз будани» ҷомеа буд. Бо ин гуфтаҳо ман қобилияти дарки ғояҳои нав, мутобиқшавӣ ва кушода будан ба одамони гуногунҷабҳа ва дорои истеъдодҳои гуногунро дар назар дорам».

Хатмкунандагони мо, шумо имрӯз тӯҳфаи Осиёи Марказӣ ба ҷаҳон ҳастед. Бо сари баланд аз ин ҷо сафар намоед. Дар коратон ростқавл буда ҳадафҳои навоварӣ дошта бо дилсӯзӣ амал кунед. Оянда аз они шумост ва ман боварӣ дорам, ки шумо ин корро бо камоли эҳтиром иҷро мекунед.

Табрик ва ташаккур.